Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатториён Алишер Ҳамидзода дар мавзуи “Муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ-граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Вазъи ҳуқуқии субъектон, хусусан, субъектоне, ки бо миёнаравӣ дар бозори мол машғуланд то ба ҳол ба пуррагӣ таҳқиқнашуда ба шумор меравад. Ҳамчунин бо сабаби рушди вазъи ҳуқуқии шаклҳои нави хизматрасониҳои миёнравӣ, он тадриҷан таҳким ёфта истодааст.

Рисола бо такя ба сарчашмаҳои илмии ҳуқуқӣ ва таърихии олимони ватаниву хориҷӣ ба қалам омадааст. Дар ин росто, яке аз масъалаҳои мубраме, ки дар меҳвари баррасиҳои илмии диссертант қарор гирифтааст, бори аввал дар илми ҳуқуқи ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи соҳавӣ гузаронида шудааст, ки ба ошкор намудани мушкилоти танзими ҳуқуқӣ-мадании фаъолияти риэлторӣ, дақиқ кардани дастгоҳи мафҳумӣ ва таҳия намудани ҳалли масъалаҳои амалии он равона ва ба такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа нигаронида шудааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки яке аз ҳадафҳои аслӣ ва вазифаҳои тадқиқоти анҷомёфта баррасӣ ва омӯзиши таҷоруби мамлакатҳои хориҷӣ ва муқаррар намудани имконияти истифодаи он вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бобҳои диссертатсия фарогири ҷанбаҳои назариявию амалии фаъолияти миёнравӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул, табиати ҳуқуқӣ, хизматрасонии риэлторӣ ва хусусиятҳои шартномаи хизматрасонӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул буда, он ба таври зарурӣ бо истифода аз асарҳои олимони тоҷик ва хориҷӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар кор дастовардҳои назаррас ва аз ҳама муҳимаш ҳалли муаллифии мушкилоти консепсияи танзими хизматрасониҳои риэлторӣ мушоҳида мегардад. Ин нуктаи асосӣ шаҳодати он аст, ки кор ба талаботи пешниҳодшаванда нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ аст.

Дар кор таҷрибаи судӣ ба назар расида, он бо далелҳо ва мисолҳои равшан таҳия гардидааст.

Дар маҷмуъ мавзуи диссертатсионии пешниҳодгардидаи Сатториён Алишер Ҳамидзода тибқи талабот ба сомон расонида шуда, пайдарҳамӣ ва натиҷаҳо аз гузаронидани таҳқиқот ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ**
**ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

**Имзои Рустамзода Ҷ.Ю.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси Академияи**
**идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Зоирхонзода Ф.З.**

**“15” 08 соли 2025**

**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Сайт: www. apa.tj;**
**Почтаи электронӣ: info@apa.tj;**
**Факс: (+992 37) 224-17-18**
**Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33**